# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 037-И НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

**дар бораи диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

**Парвандаи аттестатсионии №9**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14-уми декабри соли 2022**

дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Кармина̄гӣ ва Садриддин Айнӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Диссертант **Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович**, соли таваллудаш 1989, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2012 шуъбаи рӯзонаи факултети забонҳои шарқи МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси забонҳои арабӣ ва англисӣ бо касби филолог-шарқшинос хатм намудааст.

Давоми солҳои 2012-2015-ум дар шуъбаи аспирантураи назди МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи грамматикаи забони арабӣ буда, кори диссертатсиониашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Аз моҳи сентябри соли 2017-ум ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият дорад.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ номзади илми филология, дотсент, ходими калони илмии Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ғиёсов Нурулло Исматович мебошад.

**Муқарризони расмӣ**: **Сайфиддин Назарзода -** доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Эгамназаров Ҳамза Ҳақназарович -** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – кафедраҳои забони тоҷикӣ ва забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи МДТ-и "Донишкадаи давлатии забонҳои

Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" мебошад. Дар тақризи пешниҳоднамудаи ин муассиса, ки имзоҳои раисони ҷаласа номзадони илми филология, дотсентон Усмонова М.Х., Соҳибназарова Ҳ.Т. ва экспертон доктори илми филология, профессор, Турсунов Ф.М., номзади илми филология, дотсент Насруллоев М.Н. ва котиби ҷаласа Ҳамроев О.А. гузошта шудааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар заминаи осори таърихии қиёсшаванда яке аз мавзуъҳои наву тоза ва таҳқиқталаби забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Диссертант моҳияти мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқ ва масъалаҳои матраҳшударо дар диссертатсия дуруст дарк намуда, дар асоси равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, ки тибқи талаботи илмӣ мебошад, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ, сарчашмаҳо иборат буда, фарогири 171 саҳифаи чопи компутерӣ ва 116 саҳифаи замимаҳо мебошад.

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" таҳқиқоти анҷомёфта буда, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисос арзанда мебошад.

Дар қисмати татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд, ки ҳамагӣ фарогири мавзуъ ва муҳтавои асосии диссертатсия мебошанд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии эътирофшудаи КОА-и Федератсияи Россия ва назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М].** Ашрапов, Б.П. Вежагиҳои ҷонишинҳои шахсӣ дар "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ / Б.П. Ашрапов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ / ISSN (2413-2004). – Хуҷанд. - № 2. - 2015. - С. 109-119.

**[2-М].** Ашрапов, Б.П. Пасвандҳои зарфсоз дар "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ / Б.П. Ашрапов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / ISSN (2413-516X). – Душанбе. - №2. - 2015. - С. 86-90.

**[3-М].** Ashrapov, B.P. The Place of Poly-Affixes in the Tajik Literary Language of the XVIII-th Century / B.P. Ashrapov // Bulletin of TSUBLP. Series of Humanitarian Sciences / ISSN (2413-2004). – Khujand. - №2. - 2015. - P. 122-131.

**[4-М].** Ашрапов, Б.П. Вежагиҳои грамматикии шумора дар забони адабии тоҷикии садаи XVIII (дар мисоли "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ) / Б.П. Ашрапов // Номаи Донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ / ISSN (2077-4990). – Хуҷанд. - №4. - 2016. - С. 178-184

**[5-М].** Ashrapov, B.P. Some consideration beset with the place and role of subordinating conjunctions in "Tuhfat-ul-Khoni" by Muhammadvafoi Karminagi / B.P. Ashrapov //

Bulletin of TSUBLP. Series of Humanitarian Sciences / ISSN (2413-2004). – Khujand. - №4. - 2017. – P. 140-148.

**[6-М].** Ашрапов, Б.П. Корбурд ва вежагиҳои сарфии пешвандҳои сифатсоз дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX / Б.П. Ашрапов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ / ISSN (2413-2004). – Хуҷанд. - № 3 (84). - 2020. – С. 130-137.

**[7-М].** Ашрапов, Б.П. Ҷамъбандии арабӣ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли усули ҷамъбандии солими арабӣ) / Б.П. Ашрапов, О. Мирмухаммедов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / ISSN (2413-516X). – Душанбе. - №6. - 2021. – С. 53-59

**[8-М].** Ашрапов, Б.П. Таҳлили муқоисавии маънои пасванди -гоҳ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX / Б.П. Ашрапов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ / ISSN (2413-2004). – Хуҷанд. - №3. - 2021. – С. 93-99.

**[9-М].** Ашрапов, Б.П. Вежагиҳои сарфӣ ва ваҷҳи корбурди пасвандҳои исми маънисоз дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII (дар мисоли асари таърихии "Туҳфат-ул-хонӣ") / Б.П. Ашрапов, О.Б. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / ISSN (2413-516X). – Душанбе. - № 5. 2022. – С. 18-23.

**[10-М].** Ashrapov, B.P. Some Views on the Level of Usage of Degrees of Comparison of Adjectives in the Tajik Literary Language Referring to the XVII-th – the XVIII-th Centuries / B.P. Ashrapov // Bulletin of Dagestan State University. Series 2: Humanities / ISSN (2542-0313). – Makhachkala. – V.37. - № 3. - 2022. – P. 58-64.

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

**[11-М].** Ашрапов, Б.П. Категорияи шумораи исм дар "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ / Б.П. Ашрапов // Геополитикаи инноватсионии захираҳои стратегӣ: муаммо ва дурнамои рушд (маҷмуаи мақолаҳо) ДДҲБСТ / ISBN (978-99947-965-8-8). – Хуҷанд: Ношир, 2013. – С. 422-425.

**[12-М].** Ашрапов, Б.П. Таҳлили қиёсии вежагиҳои сарфии пасвандҳои –сор ва -зор дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX / Б.П. Ашрапов // Номаи ховаршиносон (Маҷмуаи мақолаҳои илмии факултети забонҳои шарқ) / ISBN (978-99975-68-43-4). - Хуҷанд: Ношир, №13. 2019.– С. 42-52.

**[13-М].** Ашрапов, Б.П. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ҷамъбандии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (ба воситаи пасванди -он) / Б.П. Ашрапов // Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалӣ "Хонишҳои Сеюми Артуч". – Панҷакент, 2021. – С. 59-63.

**[14-М].** Ашрапов, Б.П. Таҳлили қиёсии вежагиҳои сарфии ҷамъулҷамъ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX / Б.П. Ашрапов // Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалӣ "Масоили мубрами таърих, фарҳанг, таърихнигорӣ ва манбаъшиносии халқҳои Осиёи Миёна". – Панҷакент, 2021. – С. 100-103.

**[15-М].** Ashrapov, B.P. Comparative analysis of morphological peculiarities of self-emphasis pronouns in the Tajik literary language appertaining to the XVIII-th and XX-th

centuries / B.P. Ashrapov // Scientist's Notes / ISSN (2713-0142). - Rostov-on-Don: Priority, № 2. 2022. - P. 39-41.

**[16-M].** Ashrapov, B.P. The level of usage of the suffix -он/-s/-es in the Tajik literary language referring to the XIX-th century / B.P. Ashrapov // Original Research / ISSN (2222-0402). - Belgorod: OR, - V.12. № 4. - 2022. - P. 172-177

**[17-M].** Ashrapov, B.P. Comparative analysis of morphological peculiarities of approximative numerals in the Tajik literary language appertaining to the XVIII-th and XX-th centuries / B.P. Ashrapov // Bulletin of DSC of RAS / ISSN (1684-792X). - Makhachkala: DFR CRAS, №. 85. 2022. – P. 52-57.

**[18-M].** Ashrapov, B.P. Comparative Analysis of Morphological Peculiarities and Level of Usage of the Suffix-он/on in the Tajik Literary Language Referring to the XVIII-th and XX-th Centuries / B.P. Ashrapov // Stephanos / ISSN (2309-9917). – M.: MSU. M.V. Lomonosov, № 3(53). 2022. – P. 50-57.

**[19-M].** Ашрапов, Б.П. Таҳлили қиёсии вежагиҳои сарфӣ ва ваҷҳи корбурди пасвандгунаи -боши дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX / Б.П. Ашрапов // Актуальные исследования / ISSN (2713-1513). – Белгород: АПНИ, № 12(91). 2022. – С. 38-40.

**[20-M].** Ashrapov, B.P. Morphological peculiarities and the level of usage of the article-e with plural nouns in the Tajik literary language referring to the XVIII-th century / B.P. Ashrapov // In Situ / ISSN (2411-7161). - M.: Scientific Artel, № 5. 2022. – P. 65-67.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1.Тақриз ба автореферати диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович аз тарафи узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** таълиф шуда, натиҷаи таҳқиқоти диссертант мусбат арзёбӣ гардидааст. Дар тақриз як пешниҳод зикр ёфтааст, ки чунин аст: “Дар сурати дар шакли китоб омода намудани натиҷаи таҳқиқот, мавзуъҳои бобҳои рисола бояд дар шакли рисолаҳои алоҳида ва бо дарназардошти меъёрҳову талаботи таълим чоп шаванд, зеро ҳар як ҳиссаҳои номии нутқ дар қиёс бо осори таърихии қарнҳои XVIII ва XX дар диссертатсия баррасӣ гардида, мавзуи алоҳида ва бисёр муҳиму фарох маҳсуб меёбанд”.

2. Тақриз ба автореферати диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович аз ҷониби дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори илми филология **Сироҷиддин Холмаҳматович Хӯҷақулов** нигошта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз бо дарназардошти муҳассаноти кор дар тақриз ба баъзе аз навоқис ишора менамояд. Чунончи: “Дар саҳифаи 15-уми фишурда муаллиф роҷеъ ба пасванди **-ак** сухан гуфта, аммо дар бораи пасванди -ча маълумоте надодааст” ва “дар автореферати диссертатсия чанд ғалати имлоиву китобатӣ ба мушоҳида мерасанд”.

3. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз тарафи мудири кафедраи забоншиносии умумӣ, муқоисавӣ ва таърихии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Москав ба номи М.В. Ломоносов **Лариса Алексеевна Чижова** навишта шудааст, ки дар он пажуҳиши диссертант кори илмии ба итмомрасида зикр

гардида, баҳои мусбат дода шудааст. Муқарриз бо таваҷҷуҳ ба комёбиҳои мавҷуда, якчанд мулоҳизаҳоро ба таври савол пешниҳод кардааст. Чунончи: 1) Маводи оморӣ имконияти баҳо додан ба интихоби мавод намедиҳад ва маълум нест, ки он ба як муаллиф тааллуқ дорад ё ба ҳар ду? 2) Таъсири забонҳои арабӣ ва ӯзбекӣ ба адои вазифаи вандҳои ду давраи таърихӣ дар инкишофи забони тоҷикӣ чӣ гуна аст? 3) Барои чӣ асоси пайдоиши унсурҳои калимасоз қайд карда нашудааст? 4) Баромади асоси вандҳо ва мансубияти он ба гӯйиши муайян ҳангоми интихоби вандҳои синонимӣ дар як давраи муайян чӣ гуна таъсир мерасонад? 5) Барои чӣ роҷеъ ба бисёрмаъноии шумораи ҷамъ сухан нарафтааст, аз ҷумла исмҳои ҷамъи шумуридашаванда ва шумориданашаванда? Оё ифодаи шумораи дутой мавҷуд аст?

4. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз ҷониби номзади илми филология, дотсент, сармутахассиси Донишкадаи Конфутсий дар назди Донишгоҳи кӯҳии металлургии Тоҷикистон **Ван Юйхун** навишта шудааст. Дар маҷмуъ, муқарриз таҳқиқоти анҷомдодаи диссертантро хуб пазируфтааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ арзиши назариявию амалӣ ва мубрамии пажуҳишро ба инобат гирифта, дар радифи муваффақиятҳо ба баъзе камбудиҳо ишора кардаанд, ки онҳо ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, арзиши корро коста намегардонанд. Онҳо барои беҳтару хубтар шудани сатҳи пажуҳиш пешниҳодҳои муайяну мушаххас ироа намудаанд.

**Муқарризони расмӣ** ва **муассисаи пешбар** мутахассисони соҳаи забоншиносӣ ба шумор рафта, дар ин самти таҳқиқот осору мақолаҳои вофире ба табъ расонидаанд ва мазмуну муҳтавои пажуҳиши илмии онҳо бо мундариҷаи диссертатсияи мавриди баррасӣ муртабит мебошанд.

**Муассисаи пешбар** яке аз марказҳои бонуфузи ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, мутахассисони он дар таҳқиқу пажуҳиши масоили мухталифи забоншиносӣ ва таълиму тадриси масъалаҳои мубрами он маъруфу машҳуранд.

Шурои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар диссертатсияаш вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX-ро дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ ба таври қиёс мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст ва масъалаҳои ба уҳдаи ӯ вогузоршуда дар диссертатсия ҳалли худро ёфтааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: категорияҳои грамматикии исм, аз ҷумла категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумора, вежагиҳои морфологии исмҳои сохта, категорияи дараҷаи сифат, вежагиҳои морфологии сифатҳои сохта ва дараҷаи корбурди баъзе вандгунаҳо, таҳлили қиёсии шумораҳо ва баъзе ҷонишинҳо дар забони осори давраҳои қиёсшаванда. Натиҷагирӣ, хулосаи пажуҳиш оид ба умумияту фарқи мавзуи таҳқиқот асоснок карда мешавад.

Ҳангоми қиёсу баррасии масъалаи пешбинишуда муаллиф як қатор ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рисоларо бо такя ба афкору ақоиди забоншиносони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Натиҷаҳои пажуҳиш дар таълими грамматика, курсҳои махсуси лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён роҷеъ ба лексикология ва морфология метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд**, ки боби аввал **"Таҳлили қиёсии**

**вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX"** номгузорӣ шуда, дар доираи ду фаслу ҳафт зерфасл муаллиф категорияи шумора ва хусусиятҳои ҷамъбандии исмҳо, категорияҳои муайянӣ ва номуайянӣ, вежагиҳои морфологии исмҳои сохтаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Андешаҳои муаллиф дар фасли якуми боби мазкур, аввалан, дар бобати омӯзиши масъалаҳои исм ва категорияҳои грамматикии он оғоз гардида, баъдан дар хусуси ҷамъбандии исм таҳқиқ идома меёбад. Муаллиф дар иртибот бар ин мавзуъ бар ин натиҷа мерасад, ки ҷамъбандии исмҳои асари Кармина̄гӣ бо пасванди **-ҳо** назар ба дигар морфемаҳои шаклсози осори қиёсшаванди устод Айнӣ камтар мавриди истеъмол қарор гирифта, вожаҳои тоҷикиаслу арабӣ ва туркӣ бо пасванди **-ҳо** дар бисёр ҳолат бо исмҳои беҷону ҷондор ва маънӣ корбаст шудаанд. Ин ақидаи муаллиф, албатта, шоёни дастгирӣ ва қобили қабул аст.

Дар иртибот бо вежагиҳои морфологии исмҳои сохта муаллиф таваҷҷуҳи худро бар роҳу воситаҳои вожанигории исм, бавежа исмҳои сохта мутамарказ намуда, вежагиҳои боризи баъзе вандҳои исмсозро навъи қобили ситоише баррасӣ намудааст. Махсусан, андешаҳои муаллиф оид ба иқтидори калимасозии як силсила пасвандҳои исмсоз иброзу асоснок карда шудааст. Ба андешаи ӯ дараҷаи корбурди унсурҳои вожасоз якхела набуда, бархе аз аносири вожанигорӣ аз рӯйи истифодаашон аз вандҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд, ки баъзеи онҳо серистеъмол ва дигаре камистеъмоланд. Аз ин таҳқиқ таҳаввули маъно, вазифа, хусусият ва мавқеи вандҳои исмсозро дар асрҳои XVIII ва XX муайян намудан мумкин аст. Ҳангоми андешаронӣ ва таҳлил унвонҷӯ ба сарчашмаҳои эътимодноки илмӣ муроҷиат ва аз онҳо иқтибосҳо овардааст, ки ин аз иқтидори илмӣ ва сатҳи дониши назарии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳар як фаслу зерфасли боби мазкур муҳаққиқ кӯшиш ба харҷ додааст, то ба воситаи диаграмаву ҷадвалҳои гуногун фикри худро тасдиқ намояд, ки бешубҳа далели заҳмати зиёди муҳаққиқ ҳам мебошад.

**Боби дуюм** – "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии асрҳои XVIII ва XX" унвонгузорӣ шуда, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки оид ба вежагиҳои сарфии категорияи дараҷа дар сифат, вежагиҳои морфологии сифатҳои сохта ва дараҷаи корбурди вандгунаҳо таҳқиқот хулосабарорӣ намояд. Дар фасли аввали боби мазкур, ки ба мавзуи ифодаи категорияи дараҷаи сифат бахшида шудааст, оид ба муҳимтарин ва маъмултарин роҳҳои ифодаи ин категорияи грамматикӣ, аз ҷумла воситаҳои аналитикӣ ва синтетикӣ маълумот додааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур муаллиф оид ба роҳу усулҳои сохта шудани сифатҳои сохта таҳқиқот бурда, дар фасли мазкур роҷеъ ба каммаҳсулии пешвандҳои **ба-**, **бар-** ва **дар-** дар осори мавриди қиёс ва сермаҳсулии пешвандҳои **бе-** ва **но-** сухан гуфта, баъзе вежагиҳои боризи онҳоро ба риштаи таҳлил кашидааст. Муаллиф хулоса мекунад, ки гурӯҳе аз пасвандҳо дар калимасозӣ фаъол ва гурӯҳи дигар дар иҷрои ин вазифа кам истифода шудаанд.

Дар фасли сеюм, ки дар он оид ба дараҷаи истифодаи вандгунаҳо сухан рафтааст, муаллиф аввалан кӯшидааст, ки дар хусуси вежагиҳои сарфӣ ва ваҷҳи корбасти баъзе пешвандгунаҳо бо истифода аз далелҳои қотеъ маълумот диҳад ва,

баъдан, дараҷаи корбурди як силсила пасвандгунаҳои каммаҳсулро ба риштаи таҳқиқ гирад. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ин маврид муаллиф вежагиҳои муҳимми вожаҳои мураккаби тавассути вандгунаҳо таркибёфтаро бо далелҳои боварибахш муайян намудааст ва аз уҳдаи ҳалли масъалаи дарпешгузоштааш баромада тавонистааст.

**Дар боби сеюми кор** – "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии асрҳои XVIII ва XX"-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, муаллиф дар ду фасли алоҳида оид ба вежагиҳои морфологии шумора, нумеративҳову воҳидҳои шумор ва ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ таҳқиқот бурдааст. Дар фасли нахуст муаллиф оид ба андешаҳои муҳаққиқони муосир роҷеъ ба вежагиҳои сарфии шумора маълумоти иҷмолӣ дода, баъдан назари худро дар ин бобат изҳор доштааст. Чи хеле ки муаллифи диссертатсия қайд менамояд, истифодаи калимаҳои мансуб ба шумора, бавежа **аввал, аввалин** ва **нахуст, нахустин** ба назар мерасанд, ки **аввал** дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба чанд маънӣ кор фармуда мешавад, ки яке аз маъноҳояш ба ҳайси шумораи тартибии **якум** мебошад. Ҳамзамон, муаллиф дигар навъи шумораҳоро батафсил мавриди қиёсу баррасӣ намудааст.

Дар фасли дуюм, ки дар бораи ҷонишин ва вежагиҳои морфологии он баҳс меравад, муаллиф дар бобати муҳимтарин низоми ҷонишинҳои забони осори даврони қиёсшаванда сухан гуфта, дар асоси усули оморӣ дараҷаи корбурди ҷонишинҳоро нишон додааст. Муаллиф барои расидан ба мақсадҳои муқаррарнамудаи худ дар саросари рисолаи хеш ба ҷанбаи омории осори мавриди таҳқиқ диққати махсус додааст, ки ин яке аз муҳассаноти рисола маҳсуб мешавад.

**Натиҷаи таҳқиқ**ро метавон дар таълифи корҳои илмӣ-пажуҳишии марбут ба соҳаи забоншиносӣ, назарияи забон, морфология, вожанигорӣ, инчунин барои таҳияи мавод дар омӯзиши масъалаҳои забоншиносӣ ва семинарҳои махсуси ин соҳа истифода бурд.

**Саҳми бевоситаи муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқотест, ки ба таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Ба масъалаи сарфи забони тоҷикӣ рӯй овардани муҳаққиқи ҷавон ҳам шоистаи таъкиди махсус мебошад, зеро дар солҳои охир, мутаассифона, таҳқиқоте, ки ба масъалаи сарфи забони тоҷикӣ бахшида шуда бошад, хеле кам ба назар мерасанд. Гузашта аз ин, таҳқиқот дар заминаи осори таърихии боэътимоди илмӣ таълиф гардида, хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори даврони қиёсшаванда ба чорчӯбаи таҳқиқ кашида шудааст.

Муайян кардани сохтор, бандубаст, ҷамъоварии мавод, муқоиса, таҳлил, хулоса – таълифи диссертатсия ба довталаби дараҷаи илмӣ мансуб аст. Муаллифи диссертатсия дар заминаи нуктаҳои мазкур 20 мақолаҳои илмиро ба табъ расонида, дар конференсияҳои сатҳҳои мухталиф суханронӣ кардааст ва маводи пажуҳишашро дар дарсҳои назариявию амалӣ низ истифода бурдааст.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» аз 14.12.2022 дар бораи ба Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатстионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» - 13 нафар,
«зид» - нест,
«варақаи беэътибор»-нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ:**
**доктори илми филология,**
**профессор** **Ҳасанзода А.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ:**
**номзади илми филология,**
**дотсент** **Шарипова М.З.**
**14-уми декабри соли 2022**